Бо фармони Директори
ҶДММ ТСА «Спитамен Суғурта»
________ Раҳмонов Б. Р.
аз «10» сентября 2021 сол, №44/21
тасдиқ шудааст

# ҚОИДАИ АМАЛИСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ АЗНАВСУҒУРТАКУНӢ

Душанбе – 2021

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи амалисозии фаъолияти азнавсуғуртакунӣ (минбаъд «Қоида» ё «Қоидаи суғурта» номида мешаванд) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва боби 54 Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, №172 тасдиқ шудааст таҳия гардида, шартҳоеро дар бар мегирад, ки дар асоси онҳо азнавсуғурташаванда ва азнавсуғуртакунанда шартномаҳои азнавсуғуртакуниро ба имзо мерасонанд.

1.2. Муқарраротҳои Қоидаи мазкур, ки муайянкунандаи шартҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ мебошад, бевосита амал мекунанд, агар дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- азнавсуғуртакунӣ – фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки бо базиммагирии уҳдадориҳо аз тарафи охирин ҷиҳати анҷом додани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад;

- азнавсуғуртакунии факултативӣ (ихтиёрӣ) – азнавсуғуртакуние, ки ҳангоми он азнавсуғурташаванда ҳуқуқ дорад уҳдадорӣ ё қисми онро нисбати пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи асосии басташуда ба ташкилоти азнавсуғуртакунӣ супорад, ташкилоти азнавсуғуртакунӣ ҳуқуқ дорад уҳдадории мазкур ё қисми онро аз нав суғурта намояд ё ин ки азнавсуғуртакунии онро рад намояд;

- азнавсуғуртакунии облигаторӣ (ҳатмӣ) – азнавсуғуртакуние, ки ҳангоми он азнавсуғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти азнавсуғуртакунӣ барои азнавсуғуртакунӣ уҳдадорӣ ё қисми онро нисбати пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи асосии басташуда супорад ва ташкилоти азнавсуғуртакунӣ уҳдадор аст уҳдадории мазкур ё қисми онро аз нав суғурта намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- ташкилоти азнавсуғуртакунӣ – ҶДММ Ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии “Спитамен Суғурта”, ки фаъолиятро оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ менамояд;

- азнавсуғурташаванда – ташкилоти суғуртавӣ, ки қисми хавфи суғуртавии аз рӯи шартномаи суғурта қабулкардаашро ба ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) дигар мувофиқи шартҳои бо шартномаи азнавсуғуртакунӣ муайяншуда, медиҳад;

- шартномаи ретросессия – ин шартномаи азнавсуғуртакунӣ, ки мутобиқи он пурра ва ё қисман суғурта кардани таваккали пардохти суғуртавии азнавсуғурташаванда чун азнавсуғуртакунанда оид ба шартномаи басташудаи азнавсуғуртакунӣ, фаҳмида мешавад.

- ретроседент – азнавсуғурташаванда дар шартномаи ретросессия;

- ретросессионер – азнавсуғуртакунанда дар шартномаи ретросессия;

- азнавсуғуртакунии мутаносиб – ташкилоти азнавсуғуртакунӣ ба зиммаи худ ӯҳдадорӣ қабул менамояд, ки пардохти ҷуброни суғуртавиро (пардохти суғуртавиро) ҳангоми фарорасии шартҳои бо шартномаи суғуртавии дахлдор пешбинишуда дар ҳаҷми мутаносиби ҳиссаҳои ӯҳдадориҳои суғуртавӣ, ки аз ташкилоти суғуртавӣ (седент) аз рӯи шартномаи азнавсуғуртакунӣ қабул кардааст, анҷом медиҳад;

- азнавсуғуртакунии номутаносиб – ташкилоти азнавсуғуртакунӣ ба зиммаи худ ӯҳдадорӣ қабул менамояд, ки пардохти ҷуброни суғуртавии (пардохти суғуртавии) ҳаҷми зарарро ба андозаи зиёда аз миқдори маблағҳои нигоҳдории худии ташкилоти суғуртавӣ (седент) дар ҳолати ба амал омадани шартҳои бо шартномаи суғуртавии дахлдор пешбинишуда амалӣ менамояд;

- азнавсуғуртакунии мутаносиби квотавӣ – намуди фаъолияти азнавсуғуртакунӣ, ки мутобиқи он ӯҳдадориҳои суғуртавии азнавсуғуртакунанда оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар шартнома бо фоизи ҳисса аз маблағи суғурта аз рӯи шартномаи асосии суғурта ва ё азнавсуғуртакунӣ, муайян карда мешавад;

- эксседенти маблағ – намуди азнавсуғуртакунии мутаносиб, ки мутобиқи он ӯҳдадориҳои суғуртавии азнавсуғуртакунанда оид ба

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар шартнома бо фоизи ҳисса аз маблағи суғурта аз рӯи шартномаи асосии суғурта, ки зери шартномаи азнавсуғуртакунии ҳатмии мутаносиб қарор гирифта, бузургии (величина) мувофиқашудаи тарафҳоро мегузарад, аммо на зиёда аз ҳадди муқарраркардаи шартнома, ки бо бузургии мутлаб инъикос ёфтааст.

- ҳадди шартнома – бузургии ниҳоии маблағи суғурта ва ё маблағи ҷуброни суғурташаванда оид ба шартномаи асосӣ, ки ҳангоми муайян кардани андозаи уҳдадории азнавсуғуртакунанда оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ ва ё бузургии ниҳоии имконпазири маблағи суғурта ва ё маблағи ҷуброн оид ба шартномаи азнавсуғуртакунии ҳатмӣ, ба инобат гирифта мешавад.

- ҳадди агрегатии шартнома – ҳадди ниҳоии пардохти ҷуброни суғуртавӣ, ки азнавсуғуртакунанда уҳдадории пардохти онро ба азнасуғурташаванда тибқи шартномаи азнасуғуртакунӣ қабул кардааст.

- эксседенти зарар – намуди азнавсуғуртакунии номутаносиб, ки мутобиқи он азнасуғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳолате амалӣ мекунад, агар бузургии ниҳоии нетто-зарар, ки бо тартиби шартномаи азнавсуғуртакунӣ ба инобат гирифта буд, аз бузургии бартарӣ (приоритет), ки бо созиши тарафҳои шартнома муқаррар шудааст, зиёд гардад.

- эксседенти зарарнокӣ - намуди азнавсуғуртакунии номутаносиб, ки мутобиқи он азнасуғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳолате амалӣ мекунад, агар зарарнокӣ (муносибати маблағи зарари пардохтшуда ва ЗТҲЗ (РЗНУ) оид ба портфели азнавсуғуртакунии азнавсуғурташаванда барои давраи мухлати мувофиқашудаи бузургии зарарнокӣ, ки бо созиши тарафҳо муқаррар шудааст, зиёд гардад).

- мавзӯи шартномаи азнавсуғуртакунӣ – муносибате, ки дар доираи он азнавсуғуртакунанда уҳдадор мегардад бар ивази мукофоти азнавсуғуртакунӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои дар шартнома пешбинишуда (ҳодисаи суғуртавӣ) ба азнавсуғурташаванда тибқи шартҳо ва андозаи дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ муайяншуда ҷуброни зарари ба вуҷудомадаро амалӣ менамояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- объекти азнавсуғуртакунӣ – манфиатҳои молу мулкии алоқаманд ба таваккали пардохти суғуртавии азнасуғурташаванда оид ба шартномаи суғуртаи асосии басташуда ба сифати суғуртакунанда ва ё таваккали пардохти суғуртавии азнасуғурташаванда оид ба шартномаи суғуртаи асосии басташуда ба сифати азнавсуғуртакунанда дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ;

- маблағи суғуртавӣ – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти азнавсуғуртакуниро ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

- ҳодисаи суғуртавӣ – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти азнавсуғуртакунӣ тибқи қонун ва шартномаи азнавсуғуртакунӣ бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

- ҷуброни суғуртавӣ – маблағе, ки ташкилоти азнавсуғуртакунӣ тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;

- адендум – созиши тарафҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ оид ба тағйир ва ё илова кардани шартҳои шартнома.

- андеррайтер – шахси ваколатдори ташкилоти суғуртавӣ буда, фаъолияти худро дар самти баҳогузорӣ ва қабули хавфҳои суғуртавиро ба суғуртакунӣ ва азнавсуғуртакунӣ, амалӣ менамояд;

- брутто-мукофоти азнавсуғуртакунӣ – бузургии дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ муайяншудаи мукофоти азнавсуғуртакунӣ бо фарогирии комиссияи (ҳаққи) азнавсуғурташаванда (суғуртакунанда).

- нетто-мукофоти азнавсуғуртакунӣ - бузургии дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ муайяншудаи мукофоти азнавсуғуртакунӣ бе фарогирии комиссияи (ҳаққи) азнавсуғурташаванда (суғуртакунанда).

- зарари кассавӣ (калон) – бузургии мувофиқашудаи тарафҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ, ки расидан ва ё зиёд шудани маблағи зарар аз ҳодисаи суғуртавӣ нисбат ба он, тибқи шартномаи асосии суғуртавӣ ва ё азнавсуғуртакунӣ, азнавсуғуртакунанда уҳдадор аст бо талаби азнавсуғурташаванда пардохти ҷуброни суғуртавӣ, ки дар шартнома

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пешбинӣ шудааст дар мӯҳлатҳои кутоҳтарин (пардохти ғайринавбатӣ тибқи шартнома), амалӣ намояд.

- комиссияи (ҳаққи) азнавсуғурташаванда (суғуртакунанда) – қисми мукофоти азнавсуғуртакунӣ, ки аз ҷониби азнавсуғурташаванда тибқи шартҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ, нигоҳ дошта мешавад.

- нотис – мурожиат оид ба таъҷилан қатъ кардани шартномаи азнавсуғуртакунӣ.

- бордерои мукофот – аз ҷониби азнавсуғурташаванда ба азнавсуғуртакунанда пешниҳод кардани ҳуҷҷате, ки рӯйхати шартномаҳои асосии ба қувваи ҳуқуқӣ даромада дар давраи ҳисоботиро фаро мегирад ва зери амали шартномаи азнавсуғуртакунӣ бо нишон додани андозаи мукофоти азнавсуғуртакунӣ, ки ба фоидаи азнавсуғуртакунанда интиқол дода шудааст, қарор дорад.

- бордерои зарар - аз ҷониби азнавсуғурташаванда ба азнавсуғуртакунанда пешниҳод кардани ҳуҷҷате, ки рӯйхати пардохтҳои суғуртавиро дар давраи ҳисоботии ҳолатҳоии суғуртавиро дар давраи знавсуғуртакунанда пешниҳод кардани ҳуҷҷате, ки рӯйхати азнавсуғуртакунӣ, ки ба фоидаи брони суғуртавии анҷомдодаи азнавсуғурташаванда ва андозаи чуброни суғуртавӣ, ки азнавсуғуртакунанда бояд пардохт намояд.

- бордерои ҳисоб – аз ҷониби азнавсуғурташаванда ба азнавсуғуртакунанда пешниҳод кардани ҳуҷҷате, ки рӯйхати шартномаҳои асосии ба қувваи ҳуқуқӣ даромада дар давраи ҳисоботиро фаро мегирад ва зери амали шартномаи азнавсуғуртакунӣ бо нишон додани андозаи мукофоти азнавсуғуртакунӣ, ки ба фоидаи азнавсуғуртакунанда интиқол дода шудааст, қарор дорад, ҳамчунин аз ҷониби азнавсуғурташаванда ба азнавсуғуртакунанда пешниҳод кардани ҳуҷҷате, ки рӯйхати пардохтҳои суғуртавиро дар давраи ҳисоботии ҳолатҳои суғуртавӣ оид ба шартномаҳои асосӣ, ки зери шартномаи азнавсуғуртакунӣ қарор доранд ва бо нишон додани андозаи чуброни суғуртавии анҷомдодаи азнавсуғурташаванда ва андозаи чуброни суғуртавӣ, ки азнавсуғуртакунанда бояд пардохт намояд, инчунин тавозуни маблағҳри зикргардидаро фаро мегирад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- шартномаҳои асосӣ – шартномаҳои суғурта, суғуртаи муштарак ва (ва ё) азнавсуғуртакунӣ, ки азнавсуғуртакунанда чун суғуртакунанда (азнавсуғуртакунанда) бастааст, ки таваккалҳои пардохти суғуртавӣ аз рӯи онҳо тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ (ретросессия), суғурта карда мешавад.

- ковер-нота – ҳуҷҷати пешниҳодшаванда аз ҷониби азнавсуғуртакунанда ба азнавсуғурташаванда ё брокер, ки факти бастани шартномаи азнавсуғуртакуниро тибқи шартҳои дар ковер-нота пешбинишуда, тасдиқ мекунад;

- нигоҳдории худӣ – қисми таваккали пардохти суғуртавӣ дар шартномаи асосии суғуртавӣ ва ё азнавсуғуртакунӣ, ки азнавсуғурташаванда онро ба азнавсуғуртакунанда барои суғурта пешниҳод намекунад;

- комиссияи азнавсуғурташаванда – қисми мукофоти азнасуғуртакунӣ, ки мутобиқи шартҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ, азнавсуғурташаванда онро дар худ нигоҳ медорад.

- тантема – қисми фарқияти мусбии даромад ва хароҷоти азнавсуғуртакунанда тибқи шартнома ва ё шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ, ки мутобиқи он азнавсуғуртакунанда тибқи шартҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ ва ё шартномаи махсус оид ба тантема, уҳдадор мегардад дар интиҳои анҷоми шартнома ба азнавсуғурташаванда пешниҳод намояд.

- франшиза – маблағи аз ҷониби шартномаи азнавсуғуртакунӣ пешбинишуда, ки дар ҳаҷми муқаррарнамудаи он азнавсуғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ) озод карда мешавад. Франшиза метавонад шартӣ ё ғайришартӣ бошад ва ҳам бо фоизҳо аз маблағи суғуртавӣ ва ҳам дар ҳаҷми мутлақ муқаррар гардад;

- франшизаи ғайришартӣ – тибқи шартномаи асосӣ озод кардани азнавсуғурташаванда ва ё тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ озод кардани азнавсуғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ ба андозаи муқарраршуда.

- франшизаи шартӣ – тибқи шартномаи асосӣ озод кардани азнавсуғурташаванда ва ё тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ озод

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

кардани азнавсуғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ ба андозаи муқарраршуда, ба он шарте, ки андозаи зарари ҳодисаи суғуртавӣ аз ин бугургӣ нагузарад. Агар дар шартномаи дахлдор тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, франшиза бо фоиз аз маблағи суғуртаи шартномаи асосӣ ҳисоб карда мешавад.

- депо мукофот – қисми мукофоти азнавсуғуртакунии ба азнавсуғуртакунанда ҳисобшуда, ки азнасуғурташаванда тибқи тартиб ва шартҳои дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ ва ё дар созишномаи алоҳида ҳуқуқ дорад дар ҳисоби худ нигоҳ дорад.

- депо зарар – маблағи пардохти суғуртавӣ, ки азнавсуғуртакунанда тибқи тартиб ва шартҳои дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ ва ё дар созишномаи алоҳида ҳуқуқ дорад дар ҳисоби худ нигоҳ дорад.

## 3. СУБЪЕКТҲОИ АЗНАВСУҒУРТАКУНӢ

3.1. Субъектҳои азнавсуғуртакунӣ ин азнавсуғурташаванда, азнавсуғртакунанда ва брокери суғртавӣ ба ҳисоб меравад.

3.2. Ба сифати азнавсуғурташаванда ташкилоти суғуртавие ба ҳисоб меравад, ки як қисми ё ҳамаи хавфҳои ба суғуртакунӣ қабулнамудаашро тавассути шартномаи азнавсуғртакунӣ ба ташкилоти суғуртавии дигар аз нав суғурта мекунад, ба ҳисоб меравад.

3.3. Ба сифати азнавсуғуртакунанда ҶДММ Ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии "Спитамен Суғурта" баромад мекунад, ки фаъолияти азнавсуғуртакуниро дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мондааст.

3.4. Ҳамчун брокери суғуртавӣ ташкилоти брокерии хориҷӣ ё ватанӣ баромад мекунад, ки фаъолиятро оид ба хизматрасонии брокери суғуртавӣ барои анҷом додани амалиёти ҳуқуқӣ ва дигар амалҳо нисбати бастан, тағйир додан, қатъ намудан ва иҷрои шартномаҳои азнавсуғуртакуниро бо супориши азнавсуғурташаванда ё азнавсуғртакунанда, инчунин фаъолияти машваратиро оид ба масъалаҳои азнавсуғуртакунӣ анҷом медиҳад;

## 4. ОБЪЕКТҲОИ АЗНАВСУҒУРТАКУНӢ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

4.1. Объекти азнавсуғуртакунӣ ин манфиатҳои молумулкии азнавсуғурташаванда мебошад, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ ишора карда мешаванд.

4.2. Объектҳои зерин метавонанда ба азнавсуғуртакунӣ қабул карда шаванд:

- манфиатҳои молумулкии вобаста ба расонидани зарар ба саломатии шаҳрвандон, инчунин бо фавти онҳо дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ё бемории;
- манфиатҳои молумулкии вобаста ба пардохти маблағ ҷиҳати ташкил ва расонидани ёрии тиббию доруворӣ ва хизматрасонии дигари дар натиҷаи бад шудани саломатӣ ё ҳолати ҷисмонии шахси суғурташуда, ки ташкил ва расонидани чунин хизматрасонӣ, инчунин гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда, ки дараҷаи хатари ба ҳаёт ва саломатии шахси воқеӣ таҳдидкунандаро коҳиш медиҳанд ё онҳоро бартараф мекунанд;
- манфиатҳои молумулкии вобаста ба хавфи нобудшавӣ, норасоӣ ё зарар дидани молу мулк;
- манфиатҳои молумулкии борҳои шахсони ҳуқуқӣ ва хизматрасонҳои боркашонӣ;
- манфиатҳои молумулкии азнавсуғурташаванда вобаста ба хавфи нагирифтани даромад, пайдоиши хароҷоти пешбининагардидаи он;
- манфиатҳои молумулкии вобаста ба хавфи пайдошавии зарар аз фаъолияти соҳибкорӣ ё худ тағйирёбии шартҳои ин фаъолият, ки бо ҳолатҳои ба соҳибкор новобаста, аз ҷумла бо хавфи ба даст наовардани даромадҳои пешбинишуда;
- манфиатҳои молумулкии соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан ва ҷавобгарии онҳо дар назди шахсони сеюм;
- манфиатҳои молумулкии вобаста ба хавфи фарорасии ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва ба молу мулки шаҳрвандон, молу мулки шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои дигар;
- манфиатҳои молумулкии шахсони ҳуқуқие, ки бо корҳои сохтмонию васлкунӣ машғуланд.

4.3. Ҳангоми бастани шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ тарафҳо метавонанд дигар объектҳоро низ дар шартнома ишора кунанд, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунанд.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 5. ҲОДИСАҲОИ АЗНАВСУҒУРТАКУНӢ

5.1. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолате, ки нишонаҳои ҳолати суғуртавиро тибқи шартномаи суғуртаи асосӣ доро мебошад ва ба шартномаи азнавсуғуртакунӣ таъсир расонидааст ва ё мерасонад, Азнавсуғурташаванда уҳдадор аст бетаъхир ба таври хаттӣ ба Азнавсуғуртакунанда оид ба ҳолати бавуҷудомада хабар расонад ва тамоми маълумотҳоро ба суроғаи электронии Азнавсуғуртакунанда ____________ _____________________ интиқол диҳад.

5.2. Агар дар шартномаи дахлдори азнавсуғуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳаллу фасл кардани зарар аз ҷониби Азнавсуғуртакунанда мустақилона, бовиҷдонона ва даққиқан мутобиқи шартҳои шартномаи суғуртаи асосӣ амалӣ карда мешавад.

5.3. Азнавсуғуртакунанда ҳуқуқ дорад намояндагони худ ва ё коршиносони касбиро аз ҳисоби худ барои тафтиши ҳолатҳои ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ равон созад, агар дар қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё шартномаи азнавсуғуртакунӣ маҳдудиятҳо оид ба иҷозати шахсони сеюм ба маълумотҳои мазкур ва ё иштироки намояндагони Азнавсуғуртакунанда дар тафтиши ҳодисаи суғуртавӣ пешбинӣ нашуда бошад. Агар Азнавсуғурташаванда саривақт ба Азнавсуғуртакунанда оид ба таъмин ва ё равон кардани намояндагон ва ё коршиносони мустақил барои иштирок дар тафтиши ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавӣ муроҷиат намоянд ва Азнавсуғуртакунанда онҳоро равон насозад, пас дар чунин ҳолат вай наметавонад ба тафтиш накардани ҳолати бавуҷудомада ҳамчун асос барои рад кардани пардохти зарар, истинод намояд.

5.4. Агар дар шартномаи азнавсуғуртакунии дахлдор тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, Азнавсуғурташаванда тибқи натиҷаҳои тафтиши ҳолатҳо тибқи шартномаи суғуртаи асосӣ ба Азнавсуғуртакунанда нусхаи ҳуҷҷатҳои дар поён овардашударо дар шакли электронӣ бо формати ПДФ (агар ин имконнопазир бошад, дар шакли нусхаҳои қоғазии тасдиқшудаи чунин ҳуҷҷатҳо) бо роҳи дар банди 5.1. Қоидаи мазкур нишондодашуда, равон намояд:

- шартномаи асосии суғурта (тамоми замимаҳо бо он, агар онҳо ҷой дошта бошанд);

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- дархости суғурташаванда оид ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ (тамоми замимаҳо бо он, агар онҳо ҷой дошта бошанд);

- ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳодиса чун ҳодисаи суғуртавӣ;

- ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи андозаи зарар аз ҳодиса ва ҳуҷҷатҳои асосноккунандаи маблағи ҷуброни суғуртавӣ, инчунин ҳисобҳои маблағи ҷуброн;

- ҳисобҳо ва хулосаи коршиносони мустақил ва мутахассисон (агар онҳо аз ҷониби яке аз тарафҳо тибқи шартномаи суғуртаи асосӣ ҷалб шуда бошанд);

- ҳалномаҳои судӣ (агар онҳо ҷой дошта бошанд);

- санади суғурта оид ба ҳаллу фасли ҳолати суғуртавӣ, ки дар натиҷаи тафтиши ҳодисаи дархостшуда, расмӣ гардидааст;

- ҳуҷҷати пардохти ҷуброни суғуртавии аз ҷониби Азнавсуғуртакунанда амалишуда;

- ҳисоби ҳиссаи Азнавсуғуртакунанда дар зарар ва ё ҳисоби (дебет-нота) ба маблағи ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи ҳиссаи Азнавсуғуртакунанда;

- (ҳангоми аз ҷониби Азнавсуғурташаванда эътироф накардани ҳодиса чун ҳодисаи суғуртавӣ), ки аз ҷониби тарафҳо тибқи шартномаи суғуртаи асосӣ имзо кардани санад оид ба ҳаллу фасли эътирозҳои тарафҳо нисбат ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (агар чунин санад тартиб дода шавад) ва ё мактуби хаттии Азнасуғурташаванда ба тарафи шартномаи суғуртаи асосӣ бо асосноккунии эътиро накардани ҳодисаи дархостшуда чун ҳодисаи суғуртавӣ ва ё сабабҳои пардохт накардани маблағи ҷуброни суғурта.

5.5. Азнавсуғуртакунанда барои гирифтани дигар ҳуҷатҳо нисбат ба онҳои дар банди 5.4. шартномаи мазкур дарҷгардида бо мақсади муайян кардани мутобиқати ҳолатҳо ва андозаи ҷуброни суғуртавӣ нисбати ҳодисаи дархостшуда, шартҳо ва ҳолатҳои шартномаи азнасуғуртакунии дахлдор, ҳуқуқ дорад. Азнавсуғуртакунанда ҳуқуқи худро тавассути пешниҳоди дархост ба Азнавсуғурташаванда барои дастрасии ҳуҷҷатҳои иловагӣ дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз санаи қабули аз Азнавсуғуртакунанда ҳуҷҷати охирини дар банди 5.4. Қоидаи мазкур пешбинишуда, амалӣ мекунад.

5.6. Агар дар шартномаи дахлдори азнавсуғуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, Азнавсуғуртакунанда (мутобиқи ҳиссаҳои иштироки Азнавсуғуртакунанда тибқи шартҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ) ҷуброн наменамояд:

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- хароҷотҳо барои сюрвейерҳо, адҷастерҳо, коршиносон ва дигар мутахассисони аз ҷониби Азнавсуғурташаванда барои ҳаллу фасл кардани ҳодисаи суғуртавӣ ҷалбгардида;

- хароҷотҳои судии Азнавсуғурташаванда нисбат ба баҳсҳои судӣ барои ҳаллу фасл кардани ҳодисаҳои суғурта, танҳо ҳангоме, ки чунин баҳси судии Азнавсуғурташаванда бо сабаби беҳаракатӣ ва ё амалҳои нодурусти ӯ ҳангоми ҳаллу фасли зарар ба вуҷуд наомада бошад.

5.7. Новобаста аз муқаррароти банди 5.6. шартномаи мазкур Азнавсуғуртакунанда тибқи шартномаи азнавсуғуртакунии басташуда, ҷаримаҳои таъинкардаи суд, зарари маънавӣ, ноустуворона, пения, фоизҳоро пардохт намекунад.

5.8. Агар дар шартномаи дахлдори азнавсуғуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, Азнавсуғуртакунанда уҳдадор аст пардохти ҷуброни суғуртавиро дар муддати 15 рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 5.4 ва ё 5.5. Қоидаи мазкур пешбинишуда, амалӣ намояд.

5.9. Азнавсуғуртакунанда ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи маблағро, ки Азнавсуғурташаванда тариқи суброгатсия ва аз амалигардонии бақияи мавҷуда, ки ба маблағи хароҷот камкардашудаи Азнавсуғурташаванда оид ба амалӣ кардани ҳуқуқҳо, ки ба вай тариқи суброгатсия гузаштааст, дорад. Маблағҳои пулии тариқи суброгатсия қабулкардаи Азнавсуғурташаванда ва аз амалигардонии бақияи мавҷуда бавуҷудомада нетто-зарари ниҳоиро дар азнавсуғуртакунии номутаносиб, кам мекунад. Ягон муқаррароти банди мазкур нишон намедиҳад, ки зарар тибқи шартномаи мазкур то муайян гардидани нетто-зарари ниҳоӣ, ҷуброн намегардад.

5.10. Агар муайян гардад, ки ба Азнасуғуртакунанда маълумотҳои носаҳеҳ ва бардурӯғ дода шудааст, ки ин аҳамияти калонро барои Азнасуғуртакунанда барои муайян кардани ҳаҷм ва дараҷаи таваккал дорад, Азнасуғуртакунанда ҳуқуқ дорад беэътибор будани шартномаи дахлдори азнавсуғуртакуниро талаб кунад ва оқибатҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо нисбат ба ин масъала татбиқ намояд. Ҳолатҳое, ки барои муайян кардани таваккал аҳамити калон доранд, онҳое дар назар дошта мешаванд, ки дар матни шартномаи азнавсуғуртакунии дахлдор дарҷ гардидаанд ва ё онҳое, ки аз ҷониби

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Азнавсуғуртакунанда ҳангоми баҳогузорӣ кардани офертаи қабулшуда, талаб гардида буданд.

## 6. ХАВҲОИ АЗНАВСУҒУРТАКУНӢ

6.1. Хавфи суғуртавӣ – ходисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он пардохти суғуртӣ анҷом дода мешавад.

6.2. Тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ хавфҳои суғуртавӣ ин ҳодисаи эҳтимолие дар назар дошта мешаванд, ки дар шартномаи (шартномаҳои) суғуртаи асосӣ пешбинӣ шудаанд.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ АЗНАВСУҒУРТАКУНӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад.

7.2. Маблағи суғуртавӣ тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ бо созиши тарафҳои шартнома ва вобаста ба намуди шартномаи азнавсуғуртакунӣ (ҳатмӣ ё ихтиёрӣ) муайян карда мешавад.

## 8. ТАРИФҲОИ АЗНАВСУҒУРТАКУНӢ

8.1. Тарифи азнавсуғуртакунӣ ин меъёри муайянкунандаи ҳаҷми мукофоти азнавсуғуртакунӣ мебошад.

8.2. Барои муайян намудани ҳаҷми мукофоти азнавсуғуртакунӣ ҶДММ ТСА “Спитамен Суғурта” тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқакардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофот аз ҳар воҳиди маблағи суғуртавӣ ситонидашаванда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи азнавсуғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф муқаррар карда мешавад.

## 9. ҲАҚҚИ АЗНАВСУҒУРТАКУНӢ

9.1. Мукофоти (ҳаққи) азнавсуғуртакунӣ бо назардошти хавфҳои суғуртавӣ, маблағ ва объекти азнавсуғурташаванда ва истифодаи меъёрҳои тарофавӣ ҳисоб карда мешавад.

9.2. Мукофоти (ҳаққи) азнавсуғуртакунӣ аз ҷониби азнавсуғурташаванда ба таври яквақтина ва ё ба таври муҳлатнок дар ҳаҷм,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

тартиб ва мухлати муқарарнамудаи шартномаи азнавсуғуртакунӣ пардохт карда мешавад.

9.3. Пардохти мукофоти (ҳаққи) азнавсуғуртакунӣ метавонад ба таври нақдӣ ва ё бо роҳи ғайринақдӣ амалӣ карда шавад.

9.4. Рӯзи пардохти мукофоти (ҳаққи) азнавсуғуртакунӣ рӯзи ворид шудани воситаҳои пулӣ ба хазина ё ба суратҳисоби бонкии азнавсуғурташаванда ба ҳисоб меравад, агар шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

9.5. Ҳангоми пардохти мукофоти (ҳаққи) азнавсуғуртакунӣ давра ба давра ҷадвали пардохтҳоро азнавсуғуртакунанда муқаррар менамояд.

9.6. Мукофоти (ҳаққи) азнавсуғуртакунӣ ҳангоми бастани шартномаи азнавсуғуртакунӣ бо ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ бо пули миллӣ сомонӣ пардохт карда мешавад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ АЗНАВСУҒУРТАКУНӢ

10.1. Шартномаи азнавсуғуртакунӣ тибқи талаботи Қоидаи мазкур ва талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо имзои ва муҳри азнавсуғуртакунанда ва азнавсуғурташаванда дар ду нусха ба расмият дароварда мешавад.

10.2. Интиқол ва қабули таваккалҳо барои азнавсуғуртакунӣ тавассути аксепти оферта, амалӣ карда мешавад.

10.3. Мавзӯи оферта аз рӯи шартномаи азнавсуғуртакунӣ ин азнавсуғуртакунии таваккали пардохтҳои ҷуброни суғуртавии азнавсуғурташаванда ва ё маблағи суғурта (ва ё қисми он) аз рӯи шартномаи асосии басташудаи суғурта, ба ҳисоб меравад.

10.4. Дар оферат бояд чунин шартҳои асосӣ дарҷ карда шаванд:

a) Суғуртакунанда;

b) Суғурташаванда;

c) Рақам ва санаи шартномаи суғуртаи асосӣ;

d) Намуд ва шакли азнавсуғуртакунӣ;

e) Шарҳи мавзӯи суғурта тибқи шартномаи асосӣ ва ё шартномаҳои суғурта/азнавсуғуртакунӣ. Шарҳи объекти суғурта бояд

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

имконияти даққиқан чунин объектро мушаххас намояд ва дар он бояд тамоми хусусиятҳои объекти мазкур дарҷ карда шаванд;

f) Таваккалҳо, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани онҳо суғуртакунӣ ва ё азнавсуғуртакунӣ амалӣ мегардад;

g) Сарҳадҳои ҳифзи азнавсуғуртакунӣ, ки бевосита тавассути нишон додани сарҳад ва ё иқтибос ба фаслҳо ё бандҳои татбиқшавандаи Қоидаҳои суғурта, инчунин шартҳои муқаррарии татбиқшаванда (тавзеҳотҳо), ки ба ҳаҷми уҳдадориҳои суғуртавии азнавсуғуртакунанда ва азнавсуғурташаванда дар муқоиса бо Қоидаҳои суғуртаи зикргардида, таъсир мекунанд.

h) Давраи амали шартномаи асосии суғурта ва ё шартномаҳои суғурта;

i) Давраи амали шартномаи азнавсуғуртакунӣ;

j) Уҳдадории асъорӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо;

k) Маблағи суғурта ва ҳадҳои (лимити) ҷавобгарии суғуртакунанда аз рӯи шартномаи суғуртаи асосӣ;

l) Франшиза;

m) Ҳад (лимит)/иқтидори (емкость) шартномаи азнавсуғуртакунӣ;

n) Нигоҳдории худии азнавсуғурташаванда;

o) Ҳиссаи иштироки азнавсуғуртакунанда ва тартиби ҳисоб кардани он;

p) Андозаи мукофоти азнавсуғуртакунӣ, комиссияи азнавсуғуртакунӣ ва дигар ҳисобҳо, агар онҳо пешбинӣ шуда бошанд, тартиб ва мухлати ҳисобҳо тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ.

10.5. Агар яке аз шартҳои дар боло зикргардида дар оферта нишон дода нашуда бошад, аммо азнавсуғурташаванда онро қабул карда бошад, пас ӯ дигар ҳақ надорад ба мавҷуд набудани шартҳои дахлдор дар шартнома ишора кунад, зеро ҳисоб карда мешавад, ки тарафҳо шартҳои ҷойнадоштаро муҳим эътироф накардаанд.

10.6. Агар дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, интиқоли таваккали пардохти суғуртавӣ ба азнавсуғуртакунӣ пурра дар асоси шартҳои шартномаи суғуртаи асосӣ сурат мегирад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.7. Азнасуғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз азнавсуғурташаванда ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳоро барои баҳогузории таваккали ба азнавсуғуртакунӣ пешниҳодшудао талаб намояд.

10.8. Ҷавоб ба оферта бояд дар муддати се (3) рӯзи корӣ баъд аз қабули он равон карда шавад, агар дар оферта дигар муҳлат нишон дода нашуда бошад.

10.9. Нагирифтани ҷавоб дар муҳлати зикргардида баробар ба рад кардани оферата эътироф мегардад.

10.10. Санаи бастани шартномаи азнавсуғуртакунӣ санаи аксепти оферта ҳисоб мешавад.

10.11. Тарафҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ ҳуқуқ доранд, ки таваккали пардохти ҷуброни суғуртавиро тибқи шартномаи асосии суғурта нисбат ба ҳама объектҳои суғурта ва таваккалҳои он, қисми мувофиқашудаи ин объектҳо ва таваккалҳои он суғурта намоянд, инчунин ҳуқуқ доранд маҳдудиятҳои муайянро нисбат ба ҳудуди амали азнавсуғуртакунӣ муқаррар намоянд.

10.12. Маблағи суғурта тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ метавонад дар шакли бузургии ниҳоии уҳдадориҳои азнавсуғуртакунанда ё дар шакли созиш дар бораи механизми ҳисоб кардани ҳаҷми уҳдадориҳои азнавсугуртакунанда, муайян карда шавад.

10.13. Мукофоти азнавсуғуртакунӣ аз рӯи шартномаи азнавсуғуртакунӣ метавонад дар шакли бузургии мутлақ ё дар шакли созиш дар бораи механизми ҳисобкунии чунин бузургӣ (дар шакли саҳмияҳо, бо фоизҳо ва ғайра), муайян карда шавад.

10.14. Ҳангоми муайян кардани муҳлати азнасуғуртакунӣ ва ё муҳлати амали шартнома, тарафҳо ҳуқуқ доранд лаҳзаи эътибор пайдо кардани шартномаро бо дақиқии дақиқаҳо муқаррар кунанд.

10.15. Агар аз ҷониби тарафҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳангоми бастани шартномаи азнавсуғуртакунӣ истифодаи имзои факсимили намояндагони тарафҳо бо ёрии воситаҳои механикӣ ва ё дигар шакли нусхабардорӣ, имзои электронии рақамӣ ё дигар воситаҳои монанди имзои шахсии тарафҳо, иҷозат дода мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.16. Мувофиқи анъанаҳои муомилоти корӣ дар азнасуғуртакунӣ, лаҳзаи қабули офертаи азнавсуғурташаванда лаҳзаи имзои оферта аз ҷониби намояндаи азнавсуғуртакунанда ба шарти пешниҳоди минбаъдаи офертаи имзошуда ба азнавсуғурташаванда, эътироф карда мешавад. Тарафҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ тибқи созишномаи худ метавонанд тартиби муайян кардани лаҳзаи аз ҷониби азнавсуғуртакунанда аксепти офертаи азнасуғурташавандаро муайян кунанд.

10.17. Шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ метавонад бо тартиб додани як ҳуҷҷати имзошудаи тарафҳо, инчунин мубодилаи ҳуҷҷатҳо тавассути почта, телеграф, телетайп, телефон, дар шакли электронӣ ё дигар алоқа, ки имконияти тасдиқи аз ҷониби тарафҳои шартнома пешниҳод шудани чунин ҳуҷҷатро медиҳад ва ё тавассути аз ҷониби азнавсуғуртакунанда ба азнавсуғурташаванда пешниҳод кардани полиси азнавсуғуртакунӣ (сертификат, шаҳодатнома, расид, ковер-нота ва ғайра), баста шавад.

10.18. Бастани шартномаҳои азнавсуғуртакунии байналмилалӣ (созишномаҳои азнавсуғуртакунӣ бо ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ) мумкин аст тибқи таҷрибаи муносибатҳои байналмилалӣ дар азнавсуғуртакунӣ бо ёрии ковер-нота, бордеро, мактубе, ки аз ҷониби намояндаи брокери хориҷӣ, ки таваккали азнавсуғуртакуниро ба азнавсуғуртакунандагони хориҷӣ амалӣ кардааст ё намояндагони азнавсуғуртакунандагони хориҷӣ ё андеррайтери азнавсуғуртакунандагони хориҷӣ, инчунин полиси азнавсуғуртакунӣ (шаҳодатнома, сертификат, квитансия), тасдиқ карда шавад.

10.19. Ҳангоми бастани шартномаи азнавсуғуртакунӣ азнавсуғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз ташкилоти азнавсуғрташаванда маълумотҳои оморӣ вобаста ба амалиётҳои азнавсуғртанамудаи он талаб намояд.

10.20. Шартномаи азнавсуғуртакунӣ аз лаҳзаи баста шудани он эътибори қонунӣ пайдо мекунад, агар дар он ягон муқаррароти дигар пешбинӣ нашуда бошад.

10.21. Уҳдадориҳои тарафҳо аз рӯи шартномаи азнавсуғуртакунӣ, ки байни резидентҳо баста мешаванд, метавонанд бо сомонӣ ё ба андозаи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

муодили маблағи муайян бо асъори хориҷӣ ё бо воҳидҳои пулии муқаррарӣ, ифода карда шавад.

10.22. Ҳангоми бастани шартномаи азнавсуғуртакунӣ ҷонибҳо ҳуқуқ доранд бо созишномаи худ пурра ва ё қисман татбиқ нашудани қоидаҳои дар боби 51 "Суғурта"-и КГ ҶТ мавҷудбударо, истисно кунанд, ба истиснои моддаи 1054 КГ ҶТ. Агар шарти истисно кардани татбиқи қоидаҳои боби 51 "Суғурта"-и КГ ҶТ, ки танзимкунандаи суғуртаи molу мулк мебошад, ба шартнома оид ба шартҳои умумии азнавсуғуртакунии ихтиёрӣ ва ҳатмӣ пешбинӣ гардида бошад, пас чунин истисно нисбат ба тамоми шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ, ки тибқи шартҳои дахлдори шартнома оид ба шартҳои умумии азнавсуғуртакунӣ баста шудааст, татбиқ мегардад, агар дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

10.23. Тағйирот ва иловаҳо, инчунин пеш аз муҳлат қатъ кардани шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ бо созиши тарафҳо дар шакли хаттӣ сурат мегирад. Яктарафа тағйир додан ё илова кардан, инчунин пеш аз муҳлат қатъ кардани шартномаи азнавсуғуртакунӣ танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки агар чунин имконият дар шартнома пешбинӣ шуда бошад.

10.24. Тарафҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ ҳуқуқ доранд имконияти боздоштани муҳлати амали шартномаи азнавсуғуртакуниро пешбинӣ намоянд. Ҳангоми боздоштани муҳлати амали шартномаи азнавсуғуртакунӣ, имконияти пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз ҷониби азнавсуғуртакунанда барои ҳодисаҳои суғуртавии тибқи шартномаи асосӣ, ки дар давраи боздоштани муҳлати амали шартномаи азнавсуғуртакунӣ рух додаанд, ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ этироф карда намешавад.

## 11. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Азнавсуғурташаванда дар нигоҳдории худ қисми уҳдадории пардохти суғуртавиро аз рӯи шартномаи асосӣ нигоҳ медорад, агар тарафҳо ба дигар созиш наоянд.

11.2. Азнавсуғурташаванда ҳуқуқ надорад нигоҳдории худиро аз рӯи шартномаи асосӣ бидуни розигии хаттии азнавсуғуртакунанда тағйир диҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.3. Дилхоҳ азнавсуғуртакунӣ нисбат ба ҷавобгарӣ, ки ҳад (лимит)/иқтидор (емкость)-и шартномаи азнавсуғуртакуниро мегузарад, мутаносиб ҳисоб мешавад, агар тарафҳо дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ дигар ҳолатро муқаррар накунанд.

11.4. Азнавсуғуртакунанда бояд саривақт ва дар ҳаҷми пурра уҳдадориҳои худро оид ба пардохти мукофоти азнавсуғуртакунӣ амалӣ намояд.

11.5. Ҷавобгарии азнавсуғуртакунанда тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ аз лаҳзаи бастани шартнома оғоз мегардад, аммо на барвақтар аз оғози амали шартномаи асосии суғуртавӣ, агар дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардад.

11.6. Азнавсуғуртакунанда аз уҳдадории пардохти ҷуброни суғуртавӣ тибқи шартномаи азнавсугуртакунӣ озод карда намешавад, агар азнавсуғурташаванда ҷуброни суғуртавиро тибқи шартномаи суғуртаи асосӣ бо гузаштани давраи амали шартномаи азнавсугуртакунии дахлдор пардохт карда бошад, ба шарте, ки ҳодисаи суғурта тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ дар давраи амали чунин шартномаи азнавсугуртакунӣ ба вуҷуд омада бошад, агар дар шартномаи азнавсугуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

11.7. Азнавсуғуртакунанда оид ба уҳдадориҳои дигар азнавсуғуртакунандагон масъулият надорад.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҳаҷми зарар дар асоси омӯзиши ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи азнавсуғурташаванда тибқи талаботи шартномаи басташуда ва Қоидаи мазкур муайян карда мешавад.

12.2. Ҷиҳати муайян намудани ҳаҷми зиён азнавсуғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз азнавсуғурташаванда ҳуҷҷатҳои заруриро талаб намуда, дар объекти зарардида ташхисҳои дақиқ гузаронад.

12.3. Инчунин, дар ҳолатҳои ба мувофиқа нарасидани трафҳо оид ба ҳаҷми зарари ба вуҷудомада тарафҳо метавонанд экспертизаи муслақилро ташкил намоянд.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартномаи азнавсуғуртакунӣ пешбинишуда азнавсуғуртакунанда уҳдадор аст ба азнасуғурташаванда ҷуброни суғуртавиро пардохт намояд, агар ҳодисаи руxдода дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ ҳамчун ҳолатҳои рад кардани пардохти суғуртавӣ қайд карда нашуда бошад.

13.2. Тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ агар дар он тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, азнавсуғуртакунанда пардохти ҷуброни суғуртавиро ба азнавсуғурташаванда дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи он, ки ҳодисаи рухдода ва ҳаҷми зарарро ифода мекунад, анҷом медиҳад. Давраи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, шакл ва мундариҷаи онҳо бо шартҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ муайян карда мешавад.

13.3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи азнавсуғуртакунӣ ё дар сурати мавҷуд будани дархости хаттии азнавсуғурташаванда бо талаби амалӣ кардани пардохти суғуртавӣ бевосита ба суғурташаванда тибқи шартномаи асосии суғурта, азнавсуғуртакунанда ҳуқуқ дорад маблағи пардохти суғуртавиро бевосита ба суғурташаванда тибқи шартномаи асосии суғурта, амалӣ намояд.

13.4. Азнавсуғуртакунанда ҳуқуқ дорад қонунӣ ва асоснок будан, инчунин андозаи пардохти суғуртавии ба азнавсуғурташаванда интиқолгардидаро, баҳс намояд.

13.5. Шарти шартномаи азнавсуғуртакунӣ дар бораи «зарари калон» метавонад уҳдадории азнавсуғуртакунандаро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба азнавсуғурташаванда то лаҳзае, ки суғуртакунанда тибқи шартномаи асосии суғуртавӣ пардохти ҷуброни суғуртавиро ба суғурташаванда (фоидагиранда) амалӣ менамояд, пешбинӣ намояд.

13.6. Азнавсуғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз азнавсуғурташаванда қисми субрагатсияи баробар ба ҳиссаи мутаносиби азнавсуғуртакунанада аз маблағи умумии пардохти суғуртавӣ тибқи шартномаи асосӣ талаб намояд, агар дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

13.7. Агар азнавсуғурташаванда қаблан аз ҳуқуқи талабкунии суғурташаванда нисбат ба шахси ҷавобгар барои зарари бавуҷудомада

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

даст кашад, ки азнавсуғуртакунанда аз чунин ҳолат огоҳ буд, ҳолати мазкур асос барои озод кардани азнавсуғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ шуда наметавонад.

13.8. Дар ҳолати муфлисшавии азнавсуғурташаванда, азнавсугуртакунанда уҳдадор аст пардохти ҷуброни суғуртаро ба суғурташаванда тибқи шартномаи асосӣ пардохт намояд.

13.9. Дар ҳамаи ҳолатҳои ҳаҷми пардохти суғуртавӣ аз ҳаҷми умумии маблағи суғуртавӣ зиёд шуда наметавонад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Дар ҳолатҳои зерин азнавсуғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ даст кашад.

14.2. Дар натиҷаи содир намудани ҷиноят аз тарафи шахси суғурташуда, ки дар оқибат ба ҳодисаи суғуртавӣ овара расонидааст.

14.3. Амалҳои барқасдонаи ташкилоти азнавсуғурташуда, ки барои ба вуқуъ пайвастани ҳодисаи суғуртавӣ анҷом дода шудааст.

14.4. Ҳодисаҳои суғуртавие, ки дар натиҷаи ҷанг, амалиётҳои ҳарбӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ, исён, ва дигар бетартибиҳои шаҳрвандӣ ба миён омадааст.

14.5. Дигар амалҳои ғайриқонунии шахси азнавсуғурташуда, шахси суғурташуда, ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 15. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

15.1. Дар сурате, ки агар ин дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ ё созишномаи алоҳида пешбинӣ шуда бошад, тарафҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ ҳуқуқ доранд дар мукофоти депоро ташкил кунанд. Тартиби шартҳои ташкил ва ба тарафи дигари шартномаи азнавсуғуртакунӣ додани маблағҳое, ки ба депои дахлдор равона карда шудаанд, бо шартҳои шартномаи азнавсуғуртакунӣ ё шартномаи алоҳида оид ба депо мукофот ва / ё зиён муайян карда мешаванд. Дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ ё созишномаи алоҳида оид ба мукофоти депо метавонад ҳуқуқи азнавсуғурташаванда оид ба аз мукофоти депо гирифтани маблағи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҷуброни суғурта, ки азнавсуғуртакунанда бояд ба фоидаи ӯ пардохт намояд, муқаррар карда шавад. Тартиб ва шартҳои аз ҷониби азнавсуғурташаванда гирифтани маблағи ҷуброни суғуртавӣ аз депо-мукофот бо шартҳои шартномаи азнавсуғурткунӣ ё созишномаи алоҳида оид ба мукофоти депо муайян карда мешавад.

15.2. Асъори уҳдадориҳо ва пардохтҳо тибқи шартномаи азнавсуғуртакунӣ бо асъори уҳдадориҳо ва пардохтҳо тибқи шартномаи суғурта ё азнавсуғуртакунӣ метавонад мувофиқат накунад.

15.3. Агар ҳисоббаробаркунӣ тибқи шартномаи азнавсуғуртакунии басташуда байни резидент ва ғайрирезидент ва тибқи шартҳои он бо асъори гуногун пешбинӣ шуда бошад, пас асъори пардохти мушаххасро тарафе муайян мекунад, ки пардохтро амалӣ карда истодааст.

15.4. Тартиб ва шартҳои аз ҷониби азнавсуғуртакунанда ба азнавсуғурташаванда додани тантема дар шартномаи азнавсуғуртакунӣ ё созишномаи алоҳида оид ба тантема, муқаррар карда мешавад. Дар айни замон, тарафҳо метавонанд имконияти пардохти тантемаро ҳам барои як шартномаи азнавсуғуртакунӣ ва ҳам барои бастаи шартномаҳои азнавсуғуртакунӣ, ки байни онҳо баста шудаанд, пешбинӣ кунад.

## 16. ҚУВВАИ РАФЪНОПАЗИР

16.1. Тарафҳо аз иҷрои уҳдадорӣ пурра ё қисмани тибқи талаботи Қоидаи мазкур ё шартномаи азнавсуғуртакунӣ озод карда мешаванд, агар чунин иҷро накардан дар натиҷаи ҳолатҳои қувваи рафънопазир баъди бастани шартномаи азнавсуғуртакунӣ дар натиҷаи ҳодисаи ғайричашмдошт ба вуқуъ омада бошад, ки ба вуҷуд омадани онҳоро тарафи шартнома, ки уҳдадориро иҷро накардааст оқилона амал карда наметавонист пешгирӣ намояд (форс-мажор).

16.2. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои форс-мажор тарафе, ки барои ӯ иҷрои уҳдадорӣ тибқи Қоидаи мазкур ё шартномаи азнавсуғуртакунӣ ғайриимкон гардидааст, бояд дар муҳлати кутоҳтарин ба таври хаттӣ тарафи дигарро бо замима кардани исботи чунин ҳолат, огоҳ созад. Дар ҳолати ҷой надоштани чунин огоҳномаи дар муҳлати оқилона, тарафи дахлдор масъулиятро дар ҳаҷми пурра ба уҳда дорад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

16.3. Озод кардан аз ҷавобгарӣ, ки дар қисми 16.1.- и Қоидаи мазкур пешбинӣ шудааст, амали худро танҳо нисбат ба он даврае, ки дар он чунин ҳолатҳои форс-мажор ҷой доштанд, паҳн мекунад.

## 17. МАХФИЯТ

17.1. Ҳар яке яке аз тарафҳо уҳдадор мебошанд маълумотҳои ба шартномаи мазкур тааллуқдоштаро аз шахсони сеюм махфӣ нигоҳ доранд, агар ошкор кардани онҳо дар асоси қонун ва талаби мақомоти ваколатдор сурат нагиранд. Ошкор кардани маълумотҳо ба машваратчиён, аудиторҳо ва маъмурияти шахсони сеюм, инчунин азнавсуғуртакунандагон иҷозат дода мешавад, агар онҳо қоидаҳои махфӣ нигоҳ доштани чунин маълумотҳоро қабул намоянд.

17.2. Уҳдадории махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳо дар давоми ду (2) соли баъд аз анҷоми муҳлати амали шартномаи дахлдори азнавсуғуртакунӣ нигоҳ дошта мешавад, агар тарафҳо дигар шартро муқаррар накунанд.

## 18.ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

18.1. Агар ягон муқаррароти дигар дар Қоидаи мазкур ва шартномаи азнавсуғуртакунӣ пешбинӣ нашуда бошад, ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳсҳо бо роҳи гуфту шунид ҳалу фасл карда мешаванд.

18.2. Ҳангоми ҳал нагардидани баҳсҳои бамиёномада, тарафҳо метавонанд аз рӯи талаботҳои худ ба суд шикоят кунанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT